**Такриз**

**ба автореферати Файзуллоев Абдурозиқ Абдулҳакимович дар мавзуи «Таҳқиқи хусусиятҳои лексикӣ-семантикӣ ва сохтории топонимияи "Тазкират-уш-шуаро"-и Давлатшоҳи Самарқандӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01.-Забони тоҷикӣ. -Душанбе, 2024.-67 саҳ.**

Ташаккул ва таҳаввули топонимҳо ба инкишофи забони тоҷикӣ, сахт марбут аст. Зеро забони тоҷикӣ аз қабили забонҳои қадимаву пурғановат буда, беш аз ҳазор сол чун забони расмию коргузорӣ, илмию фарҳангӣ маҳсуб ёфтааст. Топонимикаи забонӣ тоҷикӣ ва таҳқиқу омӯзиши он таърихи қадима дорад.

Автореферати Файзуллоев Абдурозиқ Абдулҳакимович дар мавзуи «Таҳқиқи хусусиятҳои лексикӣ-семантикӣ ва сохтории топонимияи "Тазкират-уш-шуаро"-и Давлатшоҳи Самарқандӣ» оид ба пажӯҳиши вижагиҳои лексикӣ-семантикӣ ва сохтории топонимияи "Тазкират-уш-шуаро"-и Давлатшоҳи Самарқандӣ» бахшида шуда, мавзеъҳои марбут ба номҷойҳо дар асари бобозикр бори нахуст дар шакли муназзам мавриди баррасии илмӣ қарор гирифтааст. Муаллиф инкишофи ҷанбаҳои луғавӣ, маъноӣ, решашиносӣ ва ҷиҳатҳои сохтории номҷойҳоро ба таври динамикӣ нишон дода, роҳҳои ташаккулу инкишофи ҳама гуна намуди топонимҳо дар тазкираи "Тазкират-уш-шуаро"-и Давлатшоҳи Самарқандиро ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Яке аз хусусиятҳои асосии таҳқиқоти рисолаи илмӣ дар он ифода меёбад, ки муаллиф топониму микротопонимҳои тазкираи "Тазкират-уш-шуаро"-и Давлатшоҳи Самарқандиро бештар дар асоси манбаъҳои боэътимоди сайёҳону ҷуғрофидонон ва таърихнависони қадимаи юнонӣ, чинӣ, арабизабонони асримиёнагӣ ва мусташриқони Русияву Аврупо такя намуда, мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор додааст. Муҳаққиқ таъкид менамояд, ки дар шаклгирии топонимҳо аз даврони бостон то кунун нақши забони тоҷикӣ бештаранд ва дар тақвияти андешаи хеш далелҳои зиёдро доир ба топонимҳои макон зикр мекунад. Бояд гуфт, ки бо омӯхтану таҳқиқ кардани номвожаҳои топонимӣ паҳлӯҳои гуногуни қабатҳои луғавии ин ё он забон ҳалли худро хоҳанд ёфт.

Дастоварди илмӣ дар рисола он аст, ки бори нахуст топонимҳои "Тазкират-уш-шуаро"-и Давлатшоҳи Самарқандиро муҳаққиқ аз нигоҳи маъно, бaромади забонӣ, ташаккул ва сохтор, тобишҳои семантикии онро дар шакли маҷмӯъ таҳқиқ кардааст. Дар бобҳои рисола, ки аз ду боб таркиб ёфтааст, асосан ҷанбаҳои мухталифи топонимҳои "Тазкират-уш-шуаро"-и Давлатшоҳи Самарқандӣ, сохторӣ ва маъноии топонимҳо мавриди омӯзиш

Сканировано с CamScanner

қарор гирифта, дар боби аввал роҷеъ ба хусусиятҳои вожагони топонимии "Тазкират-уш-шуаро"-и Давлатшоҳи Самарқандӣ маълумот дода шуда, арзиши маводи ин манбаъҳо дар таҷассуми хелҳои топонимӣ муайян карда шудааст.Дар бобҳои дувум рисола баромади забонӣ ва сохтори морфологии топонимҳои "Тазкират-уш-шуаро"-и Давлатшоҳи Самарқандӣ аз нигоҳи топонимҳои эрониасл, топонимҳои иқтибосии арабӣ, топонимҳои иқтибосии туркӣ-муғулӣ, топонимҳои мутааллиқ ба дигар забонҳо, таҳлили сохтори морфологии топонимҳо, топонимҳои сода, сохта, мураккаб ва топоним-ибораҳо мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст ва муаллиф доир ба ин ҷиҳатҳои мавзӯъ мисолҳои зиёде оварда, андешаҳои худро бо ин мисолҳо асоснок кардааст. Дар робита ба ҳамин масъала махсусан шарҳи маънои топонимҳои таърихӣ ва таҳлили сохтории онҳо хеле ҷолиб аст.

Аз омӯзиши рисолаи мазкур ба он андеша расидан мумкин аст, ки тавассути таҳқиқу баррасии ҷанбаҳои луғавии топонимҳои "Тазкират-уш-шуаро"-и Давлатшоҳи Самарқандӣ роҷеъ ба баъзе вижагиҳои луғавӣ ва услубии забони адабии тоҷикӣ, ба хусус роҷеъ ба қабатҳои луғавии забони тоҷикӣ, ки хелҳои топонимҳо дар он нақш доранд, барои омӯзиши топонимҳои асарҳои давраи классикии адабиётамон тамоми самт ва паҳлуҳои нозуки он аз љониби муҳаққиқони соҳа пайваста мавриди омӯзиш ва пажуҳиши илмӣ қарор гирифтанаш мумкин аст.

Муваффакияти калони ин кор дар он зоҳир мегардад, ки диссертант масъаларо на танҳо назариявӣ, балки амалӣ омӯхта, Файзуллоев Абдурозиқ Абдулҳакимович дар мавзуи «Таҳқиқи хусусиятҳои лексикӣ-семантикӣ ва сохтории топонимияи "Тазкират-уш-шуаро"-и Давлатшоҳи Самарқандӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01.-Забони тоҷикӣ. тахассусӣ анҷом додааст. Бо вуҷуди муваффақиятҳои зиёд, баъзе норасоиҳо дида мешаванд.

1. Хулосаи муаллиф дар қисмати натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия бояд ба маводҳои чопшуда ишора карда шавад.

2. Масъалаи омӯзиши топонимҳои забони арабӣ ва забонҳои туркӣ дида баромада шудааст, калимаҳои эрониасл ҳам таҳқиқ шудааст, аммо калимаҳои тоҷикӣ дар фасли алоҳида агар дида баромада мешуд боз ҳам хуб мешуд.

Ин камбудиҳо ҷузъӣ буда, мазмуну мундариҷа ва аҳаммияти илмии автореферaтро коста намекунад.

Автореферати диссертатсия бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ аз нигоҳи сохтор, мундариҷа, мухтаво ва мазмун таҳия шуда, моҳияти асосии кори диссертатсиониро фаро мегирад.

Сканировано с CamScanner

Кори илмии анҷомдодаи Файзуллоев Абдурозиқ Абдулҳакимович таҳқиқоти мустақилан таълифгардида буда, унвонҷӯ барои анҷоми чунин пажуҳиш маводи дархури матлабро аз тазкираи «Тазкират-уш-шуаро”-и Давлатшоҳи Самарқандӣ» гирд овардааст, осори зиёди ба мавзуи рисола дахлдоштаро мавриди мутолиа қарор додааст.

Пажуҳиши мазкур дорои аҳаммияти илмиву амалӣ буда, он метавонад дар оянда барои такомули масоили топонимика мадади калон расонад. Ҳамин тавр, рисолаи илмии Файзуллоев Абдурозиқ Абдулҳакимович дар мавзуи «Таҳқиқи хусусиятҳои лексикӣ-семантикӣ ва сохтории топонимияи “Тазкират-уш-шуаро”-и Давлатшоҳи Самарқандӣ» ба талаботи бандҳои 31-35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021- ум таҳти №267-ум тасдиқ шудааст, инчунин талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он, бечунучаро, сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 - Забони тоҷикӣ мебошад.

**Муқарриз:** номзади илми филология,
дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ
ва русии Донишкадаи иқтисод ва
савдои Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон дар ш. Хуҷанд Ҷалолова Ф. А.
Тел.: (92) 831-11-05
Почтаи электронӣ:
info@int.tj

Шӯъбаи «Имзои дотсент Ҷалолова Фотима Абдусаломовнаро тасдиқ мекунам.»

Сардори раёсати кадрҳои Донишкадаи иқтисод
ва савдои Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон дар ш. Хуҷанд Маҳмудов Ш.У.
Нишонӣ: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, хиёбони Исмоили Сомонӣ, 169.
Тел.: (8-3422) 6-03-21,
Факс (8-3422) 4-33-15
Сомонаи расмӣ: info@int.tj
«19» марти соли 2024

Сканировано с CamScanner